# 5.9 (10 01 00) ФИЛОЛОГИЯ
# 5.9 ФИЛОЛОГИЯ
# 5.9 PHILOLOGY

## 5.9.2 (10 01 03) Литература народов мира (таджикско-персидская литература)
## 5.9.2 Literature of the peoples of the world (Tajik-Persian literature)
## 5.9.2 Адабиёти халқҳои ҷаҳон (адабиёти форсу тоҷик)

***УДК 8И (Инд): 821.21/.22.0 Г44***
***DOI** 10.24412-2413-2004-2022-4-28-36*

### *МУҲАССАНОТИ КАЛОМИ ҒАНИИ КАШМИРӢ ДАР ОИНАИ ШЕЪРАШ*

***Ғаффорова Замира Абдуллоевна**, доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири шуъбаи пажӯҳиши тамаддуни Шарқи Институти улуми ҷомеашиносии МДТ "ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров" (Тоҷикистон, Хуҷанд).*

### *ПОЭТИЧЕСКОЕ МАСТЕРСТВО ГАНИ КАШМИРИ В ЗЕРКАЛЕ ЕГО ПОЭЗИИ*

***Гаффарова Замира Абдуллоевна**, доктор филологических наук, профессор, заведующий отделом цивилизации стран Востока Института гуманитарных наук ГОУ «ХГУ им. академика Б.Гафурова» (Таджикистан, Худжанд)*

### *GANI KASHMIRI`S POETIC MASTERSHIP IN THE MIRROR OF HIS POETRY*

***Gafforova Zamira Abdulloevna**, Dr. of Philology, Professor, head the department of oriental civilization research center under the SEI "KhSU named after acad. B.Gafurov" (Tajikistan, Khujand), **E-MAIL:**zamira_g6767@mail.ru*

*Мақоми суханвари мумтози форсисарои қарни XVII Ҳиндустон – Муҳаммадтоҳир Ғании Кашмирӣ дар ривоҷи назми форсизабони Ҳинд муайян карда шудааст. Ба мақсади тақрири саҳми Ғании Кашмирӣ дар ривоҷи забон ва адаби форсӣ ва мақоми баланди ӯ дар олами шеъру адаб маълумоти тазкиранигоронро дар бораи муҳассаноти ашъори ӯ, тарзи калом ва ҳунари баланди шоирияш дар истифода намудан аз воситаҳои бадеӣ ва хидмати арзандааш дар равнақи сабки ҳиндӣ аз тазкираҳои сершумор иқтибосҳо оварда шудааст, ки ҳамагӣ нуфузи арзишҳои ҳунарии каломи шоирро ифода мекунанд. Худи Ғании Кашмирӣ низ ба ҳунари шоирии худ ифтихор мекунад, ки дар мақола абёти зиёде аз чунин ифтихорияҳо ба ҳайси намуна оварда шудаанд.*

***Калидвожаҳо:** Муҳаммадтоҳир Ғании Кашмирӣ, адабиёти форсизабони Ҳинд, Кашмир, асри XVII, сабки ҳиндӣ, тазкира, ифтихориясаройӣ*

*Определяется роль известного индийского поэта XVII века Мухаммадтагира Гани Кашмири в персоязычной литературе Индии. С целью описания важного вклада Гани Кашмири в развитие поэзии на фарси и индийского стиля, цитируются высказывания авторов множества антологий, которые пишут о достоинствах творчества поэта, его мастерстве в использовании художественных средств и дают высокую оценку поэтического мастерства Гани Кашмири, подчеркивают его поэтическую славу и отмечают достойную лепту в развитие индийского стиля. Сам Гани Кашмири гордился собственным поэтическим мастерством, поэзией, которая полна новых и ярких образов, тонких поэтических сравнений. В качестве иллюстраций приведено множество бейтов из творчества Гани Кашмири, которые написаны в жанре самовосхваления.*

***Ключевые слова:*** *Мухаммадтагир Гани Кашмири, персояззычная литература Индии, Кашмир, XVII век, индийский стиль, антология, самовосхваление*

*The article is devoted to determining the role of the famous Indian poet of the XVIIth century Muhammadtahir Gani Kashmiri in the Persian-language literature of India. To describe the importance of his contribution of Gani Kashmiri to the development of Farsi and Indian style poetry, the author makes citation of the statements of the authors of many anthologies about the merits of the poet's work, his poetic skill in using literary means. The authors of literary and historical sources unanimously praise the poetic skill of Gani Kashmiri and emphasize his poetic fame, as well as the high position that he occupied in the history of Persian-Tajik literature. Gani Kashmiri himself was proud of his poetic skill, his poetry, which is full of new and vivid images, subtle poetic comparisons. The author of the article illustrated many verses (bayts) from the works of Gani Kashmiri, which are written in the manner of the self-praise genre.*

***Keywords:*** *Muhammadtahir Gani Kashmiri, Persian literature of India, Kashmir, 17$^{th}$ century, Indian style, anthology, self-praise*

Муҳаммадтоҳир Ғании Кашмирӣ аз машҳуртарин суханварони адабиёти форсизабони асри XVII Ҳиндустон буда, бо осори гаронмояи адабӣ, ашъори саршор аз маънии баланду андешаҳои пурбор ва ғаноманди инсонпарварона дар қаламрави фарҳангу тамаддуни Шарқ мақоми шоистае касб намудааст. Ӯ дар радифи Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Сиҷзӣ, Абулфайзи Файзӣ ва дигар сухансароёни забардасти Ҳинд дар таҳаввули адабиёти форсӣ дар ин сарзамин саҳми бориз гузоштааст.

Чи аҳли адаби муосири шоир ва чи баъдӣ Ғании Кашмириро ҳамчун яке аз бузургтарин намояндагони сабки ҳиндӣ, ки бо нозукии хаёл, мазомини бикру бадеъ, вусъати назар ва тарзу оҳанг шеъри форсиро равнақи хосса бахшидааст, ситудаанд ва иттифоқи раъй бар он доранд, ки чӣ дар хиттаи Кашмир, балки дар тамоми Ҳиндустон мисли ӯ хушхаёл ва нозукхаёл ҳеч кас барнахоста. Аз ҷумла, Муҳаммадафзали Сархуш бо эътирофи тарзи калом ва ҳунари баланди шоирии Ғанӣ навиштааст, ки ӯ "соҳиби табъи олӣ буда" ва "пояи суханвариро ба дараҷаи камол расонида" (7, 145). Ба қавли ин тазкиранигор, «аз хиттаи Кашмир, балки аз тамоми иқлими Ҳинд ҳамчу ӯ (Ғании Кашмирӣ – З. Ғ.) хушхаёл ва маъниёби нозукбанд барнахоста» (7, 145). Ҳусайнқулихони Азимободӣ низ "аз хазоини маънавӣ ғанӣ" будани Ғаниро таъкид намуда, ашъорашро "гули бехазон аз гулшани Кашмири рангинхаёлӣ" меномад (13, 1116) ва ба ҳамин маънӣ изҳор мекунад, ки «мисли ӯ (Ғании Кашмирӣ – З. Ғ.) шоире маъниёб ва муҳоварадон аз хиттаи Кашмир барнахоста ва ба ин хубию фасоҳат такаллум насохта... Каломи ӯ филҳақиқат баҳори Кашмир аст ва девони ӯ дар шуарои Ҳинд беназир... » (13, 1115).

Ба қавли Шералихони Лудӣ низ, ки аз Ғанӣ ба некӣ ва бузургӣ ёд кардааст, "ашъораш монанди гулҳои Кашмир ҳамвора ботароват" аст ва "маънию тарзи каломаш чун каломи хубон пайваста боҳаловат" (14, 161). Ба қавли ин тазкиранигор, ашъори Ғаниро "маънии хос бисёр аст ва мазомини тоза беқиёс" (14, 161) ва ҷаззобияту тароват ва пурмаънӣ будани ашъори Ғанӣ ва "он чӣ аз табъи ваққодаш сар зада буд", боис бар он гардида, ки сӯзи дилу рози ишқ ва донишу андешааш "дар Эрону Тӯрон ва Суоду Ҳиндустон бар афвоҳу алсина ҷорӣ" мебошад (14, 161).

Муаллифони дигар сарчашмаҳои адабӣ-таърихӣ, чун "Сафинаи Хушгӯ", "Мақолот-уш-шуаро", "Тазкираи Ҳусайнӣ", "Гули раъно", "Ҳамешабаҳор", "Тури маъно", "Суҳуфи Иброҳим", "Махзан-ул-ғароиб", "Шамъи анҷуман" ва "Порсигӯёни Ҳинду Синд" низ Ғаниро дар хушхаёлӣ, нозукбандӣ ва маъниёбӣ беназир ва соҳиби табъи баланд дониста, ӯро ҳамчун "ҷодунигор", "соҳибсухани пуркор", "устоди фан" ва "сархайли иҳомбандон" (10, 348; 11, 490), "дар тамсилгӯӣ беназир" (3, 512), "нағмасарои бустони сухан ва чаманистони хаёл" (2, 165), "обу ранги гулистони сухандонӣ" (9, 198), тавсиф намудаанд, ки "ашъори обдораш яксар дилпазир" аст (4, 513-515) ва "ниҳоят нозуку ҳамвору дилчасп", ки "ба фикри рангин шаъне азим пайдо кард ва аз маъдани табъи матин ҷавоҳири нозукхаёлӣ ба каф овард" (4, 513-515). Ба қавли соҳибназарон, Ғанӣ бузургтарин шоири Кашмир аст, ки "замини сухан рангинкардаи ӯст ва баҳри шеър обдодаи ӯ" мебошад (2, 165-166).

Мир Муиззи Фитрати Мӯсавихон мақоми баланди Ғаниро дар олами шеъру адаб таъкид намуда, навиштааст, ки "дар Ҳиндустон фақат се шоир суроғ дорам: аввал Ғании Кашмирӣ. Дувум Носиралии Сирҳиндӣ ва севум Муҳаммадафзали Сархуш" (7, 99).

Ҳамин нуктаро соҳиби тазкираи "Ҳамешабаҳор" чунин ба қалам овардааст: "То ҳол ҳамчун ӯ (Ғании Кашмирӣ – З. Ғ.) шоири маънибанд аз он хиттаи дилпазир (Кашмир – З. Ғ.) барнахоста, балки аз саводи Ҳинд низ барнаёмада" (2, 165-166).

Маълумоти шогирди Ғанӣ – Муҳаммадмуслими Санъӣ низ, ки дар дебочаи Девони шоир аз ҳунари шоирии Ғанӣ таъкид варзидааст, дигарбора воқеъияти ин қазияро ба ҳақиқат мерасонад, ки Ғанӣ аз зумраи шуарои соҳибноми аҳд будааст. Ба қавли ӯ, алфози Ғанӣ "дар рангинӣ намунаи гулҳои гулзор аст ва маъонияш дар дилнишинӣ ҳамсанги лаъли шаҳвор, мисраъи машҳураш дар бустони маънӣ сарвест равон ва байти баландаш дар майдони сухан рояте зафарнишон…" (6, 54).

Азамати Ғании Кашмирӣ дар миёни шуарои бузург ва маъруфи аҳди Темуриёни Ҳинд аз он низ мусаллам аст, ки Соиби Табрезӣ барин шахсияти мунири он замон аз малоҳату латофати ашъори Ғанӣ таҳти таъсири ӯ қарор гирифт ва борҳо рифъати сухансароии Ғаниро ситуд.

Худи Ғанӣ низ аксар аз ҳунари суханварии хеш ифтихор мекунад.

Шоёни зикр аст, ки дар шеъри куҳани форсӣ шурӯъ аз Рӯдакӣ то замони шоир суннати ифтихориясаройӣ ба ҳунари шоирии худ идома дошт. Ба таъбири дигар, Ғании Кашмирӣ танҳо шоире нест, ки аз мақоми адабӣ ва ҷойгоҳи ҳунарии худ ҳарфи ифтихор ба забон оварда бошад. Мо агар девоне аз ҳар нафар шоири гузашта аз адаби форсиро боз намоем, ин суннати адабӣ ҷилвагар аст. Он ҷо, ки Ҳофизи Шерозӣ фармуда:

Ҳасад чӣ мебарӣ, эй сустназм бар Ҳофиз,

Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст (12, 26).

Ғании Кашмирӣ низ бо ҳамон равиши суханварони пешин роҳи ин бузургонро тай мекунад, ба ҳунари шоирии худ менозад ва дар заминаи баёни ҳарфи ифтихор меросбари асили ин суханварони мумтоз буданашро ба субут мерасонад. Ӯ аз он ки ашъораш ба дилҳо чанг мезанаду лаззатбахш аст, ифтихор мекунад ва дар заминаи сурудани чунин фахрияҳо ҷиҳати шинохт ва эътирофи ҷойгоҳи худ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, ба гунае аз ҳузури пурравнақаш дар қаламрави шеъри форсӣ худро "тӯтии ширинсухан" мехонад:

Дар ин гулшан набошад тӯтии ширинсухан чун ман,
Ба кори найшакар сад укда афкандаст минқорам (1, 187).

Ғанӣ мутмаин бар он аст, ки бо гузашти айём ба сухани ӯ осебе нахоҳад расид ва дар оянда "дар қаламрави олам" сухани ӯро эътироф ва ба сад забон такрор хоҳанд намуд:

Такрор мекунад суханамро ба сад забон,
Ҳар ҷо ки дар қаламрави олам сафинаест (1, 117).

Ғанӣ сарири килкашро аз ашъори суханпардозони дигар болотар медонад ва маънии шеърашро ба "гавҳар" баробар мекунад:

Баста шуд ҳарчанд дар як баҳр маъниҳои тар,
Маънии мардум ҳубобу маънии ман гавҳар аст (1, 95).

Шоир дар қаламрави адаби форсӣ соҳибмақом ва шуҳратёр гардиданашро дар эъҷози сухани худ медонад ва ин нуктаро ин гуна шарҳ медиҳад:

Чӣ аҷаб табъам агар даъвии эъҷоз кунад,
Ки ба лутфи суханам нест касеро сухане (1, 220).

Ғанӣ ба тозагӣ ва рифъати ҳунари шоирии худ ишорат намуда, дар байти зер низ ифтихор аз мазмунбандии тозаи худ мекунад ва ҳар шеъри нав эҷодкардаашро шабеҳи "кӯдаки наврафтор" медонад, ки босуръат сари забонҳо меафтад:

Буд гӯё тифли наврафтор шеъри тозаам,
К-аз лабам то рафт берун, бар забонҳо уфтод (1, 160).

Ӯ ифтихор аз он мекунад, ки шуҳрати ашъори обдораш на танҳо сарзамини Эрон, балки тамоми оламро фаро гирифтааст:

Ба Эрон суханҳо равон меравад,
Чӣ Эрон, сухан дар ҷаҳон меравад (1, 152).

Дар байти поин низ шоир аз барҷастагии каломи худ меболад. Ба қавли ӯ, аз вакте ки шеъраш ҳама ҷоро фаро гирифт, дигарон ба ин эътироф карданд ва дафтару девони худро ба об шустанд:

Ашъори обдорам то шуд муҳити олам,
Андохтанд дар об ёрон сафинаҳоро (1, 88).

Дар абёти зер низ Ғанӣ ҳисси болидагии хешро аз умқи маъно, баландии мазмун ва ҳунари шоирии худ ва аз он ки "ашъори обдораш" бар ваҷҳи беназиру нотакрор буданаш "бар забонҳо афтода" ва "муҳити олам" ва "гирди ҷаҳон"-ро фаро гирифтааст, чунин изҳор намуда:

Машҳур дар саводи ҷаҳон аз сухан шудем,
Ҳамчун қалам сафар ба забон мекунем мо (1, 67).

Ин ҳисси тафохури Ғанӣ аз пояи баланди суханварии худ дар байти зер бо шевае дигаргуна маънигузорӣ шуда:

Аз халқ ба гӯшае нишастам пинҳон,
Мегардад аз ин раҳ суханам гирди ҷаҳон (1, 241).

Ғанӣ ба шеъру шоирӣ муҳаббат доштану "ташнаи ашъори обдор" буданашро ба таври зайл изҳор мекунад:

Ҳарчанд шуд лабам чу лаби ҷӯ зи шеър тар,
Ҳастам ҳанӯз ташнаи ашъори обдор (1, 170).

Воқеан, Ғанӣ ҳамчун яке аз суханварони машҳури сабки ҳиндӣ барои ба даст овардани мазомини бесобиқа ва матолиби ногуфта, яъне мазмунсозӣ ва маъниофарӣ нерӯи тахайюли худро ба кор бурд ва афкори хешро аз чашмаи софи ибораҳои зебо ва мазмунҳои бикр об дод, ки бо ин ҷиҳат ин сабк аз сабкҳои дигар мутамойиз аст. Дар мавриди тозагӯӣ Ғании Кашмирӣ, ки ҳамвора дар паи маъонии бикр буд ва аз мазомине, ки шуарои қаблӣ суруда

буданд, дурӣ меҷуст, чанд ишора намудааст. Масалан, ӯ он суханваронеро, ки мазомини куҳанро дар қолаби шеър гунҷоиш медоданд, мазаммат намуда, онҳоро ба ҷустани маонии тоза даъват мекард. Дар назари ӯ, шоир бояд дорои завқи махсус бошад ва маонии шеъриро аз олами боло илҳом бигирад, зеро шеъри асил бидуни ибтикори мазомин ва тафаккури ҷадид чизе нест:

Гар сухан аз худ надорӣ, беҳ, ки барбандӣ даҳон,

То ба кай чун хома дорӣ ҳарфи мардум бар забон? (1, 205).

Ба қавли Ғанӣ, ҳар шоире, ки мехоҳад дар ашъори худ он чиро ки бигӯяд, сохта ва пардохтаи худи ӯ бошад, роҳи душвору пурмашаққатро аз сар мегузаронад, зеро ки эҷоди мазомини бикри ибтикорӣ кори пурмашаққат аст. Ғанӣ ишора ба суубати ин роҳ мекунад ва аз саъю кӯшише, ки шоири мубтакири тозагӯ дар ёфтани маонии нав ва мазомини тоза, ки бинои сабки ҳиндӣ бар он устувор аст, ба кор мебарад, ба ин сурат ёд менамояд:

Ғанӣ, тори нафас чун риштаи гулдаста мегардад,

Забонам гар ба тақрир оварад ашъори рангинро (1, 68).

Дар абёти зер низ Ғанӣ мазмунбандии худро ситуда, ҳар байташро "ишратсарои андалеб" медонад:

Шуд замини шеърам аз гулҳои мазмун гулшане,

Ҳаст ҳар байте дар ӯ ишратсарои андалеб (1, 92).

Ғанӣ ифтихор аз он дорад, ки мазмуни ӯ дорои назокати хос аст ва дар ҳолати шабоҳат пайдо намудани мазмунаш ба мазмуни дигар суханварон он назокат аз байн хоҳад рафт. Аммо ҷаззобияташ дар он аст, ки шоир бо офаридани ин мазмуни зебо ба ҳадафу роҳу равиши худ дар кори шоирӣ ишора менамояд, ки яъне, сухани ман ҳаргиз наметавонад ба каломи дигарон такя кунад ва аз он баҳраманд бошад, дар он ҳолат назокати сухани ман аз даст меравад ва камранг мешавад. Ҳам мегӯяд, ки сухани ман чандон нозук аст, ки наметавонад ба каломи дигарон такя занад, агар чунин иттифоқе бияфтад, шеъри ман аз мақоми худ меафтад, яъне, сукут мекунад. Ин ҷо «афтодан»-ро метавон ба маънии аслии калима, яъне, амал ҳам фаҳмид:

Аз назокат уфтад мазмуни ман,

Гар ба мазмуни касе паҳлӯ занад (1, 160).

Ғанӣ муътақид бар он аст, ки зеҳни шоир бояд халлоқ бошад ва ҳар як шоир тарҳи сухани худро худаш анҷом диҳад:

Ғанӣ, тарҳи сухан худ кун, агар майли сухан дорӣ,

Чаро бояд тасарруф дар замини дигарон кардан (1, 212).

Ҳамин тариқ, яке аз вижагиҳои боризи шеъри Ғанӣ хаёли тозаву мазомини бикри ӯст. Дар назари шоир, агар суханвар сухани худро надорад, даҳон барбастан ва лаб накушуданаш афзалтар аст:

Гар сухан аз худ надорӣ, беҳ, ки барбандӣ забон.

То ба кай чун хома ронӣ ҳарфи мардум бар забон? (1, 205).

Ӯ ҳамвора дар пайи ҷустани маъонӣ ва мазомини бадеъ будааст ва дар андешаи хаёли тоза. Чунонки худи шоир ба ин нукта таъкид намудааст:

Хаёли нозукамро нест тоби нохуни дахле,

Ғанӣ, ҳаргиз набошад тоқати ништар раги гулро (1, 64).

З. Сафо ҳамин маъниро чунин таъкид намудааст: "Ғании Кашмирӣ даъвӣ дошт, ки агар мазмунаш шабоҳате ба мазмуни дигарон ёфт, аз "назокат" хоҳад афтод ва ӯ худ мазмуни хешро чунон мероост, ки касеро ёрои интиқоли он набошад:

Аз назокат уфтад мазмуни ман,

Гар ба мазмуни касе паҳлӯ занад.

Ин таваҷҷуҳ ба овардани “маънии ҷадид” ё “маънии барҷаста” ва лафзи наводати “ихтироъи сухан” ва “тозагӯӣ” номида мешуд ва гуфтор ва сабки “мухтареъони сухан” ва “тозагӯён”-ро “сухани тозагӯён” ва “шеваи тоза” ва “равиши тоза” ва “тарзи тоза” меномидаанд...” (8, 547).

Лозим ба зикр аст, ки маҳорати шоирии Ғанӣ дар он ниҳуфтааст, ки ӯ дар мазмунёбӣ барои иддио ва далел бештар истилоҳоти одиро ба кор бурдааст, вале камоли Ғанӣ дар он зоҳир мегардад, ки ӯ бо вуҷуди истифода бурдани истилоҳоти куҳна маонӣ ва афкори бадеъу бикр ба вуҷуд овардааст, ки хонандаи сухансанҷу соҳибназар беихтиёр қудрати шеърӣ ва дақиқназарии Ғаниро мавриди ситоиш қарор медиҳад.

Худи Ғанӣ ашъорашро ба ҳадде зебо ва қобили васфу ситоиш медонад, ки дар абёти зер ӯ суханашро зи сиёҳӣ шабеҳи “гули шаббӯ” мехонаду суханашро зи қалам ба “қуввати бозу” монанд мекунад:

Машҳур шуд аз хома ба ҳар сӯ сухани ман,
Бошад зи сиёҳӣ гули шаббӯ сухани ман.
Зебад, ки ба тасхири ҷаҳон чашм кушояд,
Дорад зи қалам қуввати бозу сухани ман (1, 207).

Ба қавли шоир, ӯ бо дақиқназарию борикбинӣ ва диди муҳаққиқона ба ашё ва ҳаводиси олам назар меандозад ва то он замоне ки дурри шоҳвор аз дарёи тафаккураш дарнаёбад ва лӯълӯе ноёбро ба даст наёварад, ба баёни он намепардозад:

Аз фикр то сухан нашавад қобили рақам,
Монанди хома сар зи гиребон намекашам (1, 197).

Дар байти поин «маънии бегона» ба маънии мазмуни наву тоза аст, ки аз унсурҳои муҳимми шеъри ин давра ба шумор мерафт ва шоирон аз он бештар ба ҳамин унвон ёд кардаанд. Азбаски шоирони ҳамзамонаш баъзан маъниҳои ашъори Ғаниро ба тарзи дигар месохтанду ба номи худ мекарданд, шоир ин байти зебои занандаро дар ҳаққи онҳо гуфтааст. Ин ҷо калимаи «бегона» дар мавриди дувум ба маънии «шахси бегона», яъне, каси дигар аст ва ба маънии аввал нест. Ғанӣ дар ин байт танзи зебоеро ба кор бурдааст ва ин аз вижагиҳои кори шоирии ӯст, зеро дар Девони шоир абёте, ки матлаби танзомез доранд, фаровон дида мешавад. Шоир ин ҷо касонеро, ки ба дуздидани мазмуни шеъри дигарон одат кардаанд, мазаммат карда ва бо танз гуфтааст, ки инҳо, азбаски ба дуздӣ сахт одат кардаанд, дигар барояшон чизе аҳаммият надорад ва маънии офаридаи касони дигарро бешармона ба унвони маънии бегона ба номи худ мекунанд:

Табъи он шоир, ки шуд бо тарзи дуздӣ ошно,
Маънии бегона донад маънии бегонаро (1, 69).

Дар назари Ғанӣ, аз сабаби ба ангезаи ҳусни шуҳратталабӣ ба шеъргӯӣ даст задани суханношиносоне, ки мояи илмӣ ва адабиро соҳиб нестанд, боис ба паст рафтани эътибори шеъру шоирӣ дар он замон гардидааст. Аз ин лиҳоз, аз нигоҳи ӯ, баъзе шоирони некӯсухан сукутро афзалтар донистаанд ва онон ки майдонро дар дасти ноаҳлон медиданд, дар танҳоию хилват сукунат мегузиданд. Ғанӣ ба ин амр чунин ишора намудааст:

Онро ки бувад дар ҳама фан дасти тамом,
Номаш набарад зи бетамизӣ айём.
Тифле, ки зи «Бӯстон» бихонад вараҷе,
Чун сарв бароварад ба мавзунӣ ном (1, 238).

Байти охир мазмуни тарбиявӣ дорад ва хонандаро ба омӯзиш даъват мекунад. Нуктаи ҷолиб ин ҷост, ки шоир таносуби зебое миёни китоби «Бӯстон»-и Шайх Саъдӣ ва сарву мавзунӣ пайдо кардаву шеъри зебое офаридааст. Ин ҷо мавзунӣ ҳам ба сарв ва ҳам ба «Бӯстон», ки асари мавзун аст, муносибат дорад.

Ғанӣ муътақид аст, ки ҳеч шоире қудрати дуздидани мазмуни бастаи ӯро надорад. Бо вуҷуди ин, вақте ки ин гуна шуарои бемоя ба дуздии ашъори ӯ даст зада, мехостанд номи «шоир»-ро ба худ банданд, шоир чунин изҳори назар намудааст ва «ёрон» ҳаргиз ба маънии «дӯстон» нест, балки шоир ин ҷо ҳарифони нотавони худро дар назар дорад:

Зи мазмундуздии ёрон намебошад ғаме моро,

Чунон бастем мазмунро, ки натвонад касе бурдан (1, 210).

Дар ин байти зебо низ бо танзи шоир рӯ ба рӯем, ки аз ҳолати ногувори худ бо лутфу зебоӣ гила мекунад, яъне, агарчи дигарон шеъри маро дуздида ба номи худ карданд, вале аз ман ёд накарданд, ҳаргиз натавонистанд ва наметавонанд он шуҳратеро ки номи ман дорад, соҳиб шаванд.

Дидам, ки нуктасанҷон дузданд шеъри мардум,

Ман низ шеъри худро дуздидам аз ҳарифон (1, 210).

Ғанӣ мутмаин аст, ки “сухани пастфитратон” монанди косаи сафолӣ садои баланд надорад:

Намешавад сухани пастфитратон машҳур,

Баланд нест садо косаи сафолиро (1, 68).

Агарчанде Ғанӣ дар аҳди худ шуҳрати зиёд ба даст овард ва ба қавли худаш, “дар саводи ҷаҳон аз сухан машҳур шуд” (11, 67), барояш аламовар ин буд, ки мардум ба қадри шеъри ӯ намерасанд. Сарфи назар аз нотавонбинии баъзе “пастфитратон” ва ношинохтанҳои ҳасудон, эътироф нашудан ба қадри рифъати ҳунар ва амсоли ин, Ғанӣ бовар дошт, ки пас аз вафоташ овозаи шеъри ӯ атрофу акнофи оламро фаро хоҳад гирифт. Шоир шеъри худро дар латофату тароват ба нофаи оҳу монанд карда, мегӯяд, ки то ман зиндаам, шеърам машҳур нахоҳад шуд, мисли бӯи нофа, ки баъди марги оҳу пароканда мегардад:

Нагардад шеъри ман машҳур, то ҷон дар танам бошад,

Ки баъд аз марги оҳу нофа берун медиҳад бӯро (1,59).

Бешак, Ғанӣ аз шуарои қаблӣ таъсирпазир гардида буд, вале ба монанди баъзе суханварон, ки мазомини дигаронро ахз карда, дар қолаби дигаре ҷилва медиҳанд, ё ҳамон алфозу маониро такроран ба номи худ мехонанд, ҳеч гоҳ ба дуздидани мазмуни дигарон напардохтааст:

Барнадорем зи ашъори касе мазмунро,

Табъи нозук сухани кас натавонад бардошт (1, 135).

Дар ин байт, шоир мегӯяд, ки ман ҳаргиз наметавонам сухани каси дигарро ба номи худ сабт кунам, зеро ғуруру виҷдонам ба ин кор иҷозат намедиҳанд. Дар мисраи дувум сабаби ин амали худро бо баёни шоирона зеботар мекунад ва мегӯяд, ки азбаски табъи ман хеле нозук аст, наметавонам, таънаи каси дигарро бишнавам ва зери маломати дигарон бошам.

Ҳамин тариқ, дар каломи ифтихорангези Ғанӣ чун дигар шоирону адибон пеш аз ҳама бозтоби ҷойгоҳи ҳунари шоирӣ, абадият ва мондагории эъҷози сухан, беназирӣ ва нотакрории хеш дар қаламрави суханварӣ таъкид шудааст, ки зимнан баробари тафсиру шарҳи мақоми шоир дар онҳо ҷойгоҳ ва арзишии шеъру сухан ва манзалати суханвар низ таъкид мешаванд, ки андешаҳо ва афкори адабиву дорои арзиши муҳим дар нақду сухансанҷии Ғании Кашмириро бозтоб мебахшанд. Бо таваҷҷуҳ ба муҳтавои ашъори ифтихории Ғании Кашмирӣ равшан мешавад, ки ифтихорияҳои Ғанӣ ситоишҳои пурмуболиға ва иғроқомез нестанд, дар онҳо такаббур ва ғурури ҷоҳилона, даъвои бузургӣ нисбат ба шоирони гузашта ба мушоҳида намерасад. Балки баҳонаҳое барои сурудани шеъри ифтихорӣ барои шоир эътирофи мақоми ҳунарии ӯ аз нуфузи фазлу дониш, маърифат, умқи маъно, эъҷози сухан ва баландии мазмуни тозаи “ашъори обдораш” буд, ки

бар ваҷҳи беназиру нотакрор буданаш “бар забонҳо афтода” ва “муҳити олам” ва “гирди ҷаҳон”-ро фаро гирифтааст.

Албатта, фахриясаройӣ аз оғоз ҳамеша мавриди интиқоди гурӯҳе аз аҳли ҷомеа қарор дошта ва ин шеваи баёнро ба унвони нишонаи нахвату ғурур ва такаббур муаррифӣ намудаанд. Чунин ҳолат дар сарнавишти Урфии Шерозӣ ва Абулфайзи Файзӣ низ истисно набудааст. Ҳатто бархе аз тазкиранависон низ нуфузи ифтихориясаройиро дар каломи Урфӣ ва Файзӣ ҳамчун нишонаи мағрурию ҳавобаландӣ маънидод намуда, онҳоро бар ин асос мавриди интиқод ва шеваи корашонро инкор намудаанд. Аммо тааммул ба муҳтавои ин навъ ашъори ин суханварон дар навбати аввал нуктаеро тавзеҳ хоҳад дод, ки срудани чунин ифтихорияҳо дар каломи шоирони мазкур баёнгари навъе аз тақдир аз худ ва мақоми инсонию адабии онон ба шумор меравад. Бисёр иттифоқ афтодааст, ки на ҳамагуна ҷомеаҳо ба қадри сухану суханварон расидаву ҷойгоҳи ононро ба дурустӣ эътироф намудаанд. Аз ин рӯ, Ғании Кашмирӣ низ агарчи аз суханварии хеш ифтихор мекунад, ин амали вай навъе эътироз ба ҷомеаи қадрношинос ва эътирофи ҷойгоҳу мақом ва манзалати худи ӯст. Вай ба монанди Абулфайзи Файзӣ ва Урфии Шерозӣ ифтихорро ба гунае қадршиносӣ аз худ ба шумор меоварад ва муътақид аст, ки агар дигарон қадру мақоми ӯро ба дурустӣ нашинохтаанд, пас, бояд худро ба ҷомеа ва мардум худ шиносонад. Ба ибораи дигар, ин ифтихорияҳои Ғанӣ номаҳои муаррифгари манзалату ҷойгоҳи адабии вай дар ҷомеаи худанд, ки гоҳо худро камтар аз дигар суханварони маъруф намебинад. Аз ин лиҳоз, вақте шоироне, чун Файзӣ ва Ғанӣ лаб ба ҳарфи ифтихор мекушоянд, набояд сухани ононро мо ба унвони нишонаи ғурур ва худситоию худбинӣ донем, чун ин намояндагони аҳли адаб, ки ҳамеша шеъри замонро дар мизони ақлу тафаккур бармекашиданд ва гоҳо ба мушоҳида мерасид, ки шоирони дар мақоми поинтар қарордошта ҳарфи ифтихор ба забон меоваранду аз диди аҳли ҷомеа гӯё манзалати болотаре касб мекунанд, шоирони ростин ва суханварони асил ба хотири шинохти қадру манзалати хеш ва дарки дурусти мақоми ҳунарияшон ин гуна ифтихорияҳоро ба забон меоваранд.

Ин омили таваҷҷуҳи шоирон ба фахриясаройӣ моро бар ин натиҷа мерасонад, ки набояд ин навъ ашъорро суханҳои лофу газоф пиндорем, балки бар ин срудаҳо ҳамчун сармояҳо ва сарчашмаҳои шинохти мақоми ҳунарии суханвар, ҷойгоҳ ва манзалати вай дар ҷомеа назар афканда, дидгоҳҳои хосси ин муаллифонро дар мавриди масоили мубрами маърифати шеър ва нақду сухансанҷӣ бишносем, зеро суханвароне, чун Урфӣ, Файзӣ ва Ғанӣ дар чунин срудаҳояшон бо таъини мақоми ҳунарии хеш дар симои худ намод ё чеҳраи шоири ростин ва ҳақиқиро мехоҳанд таҷассум намоянд ва барои аҳли ҳунар нишон диҳанд, ки шоирию рисолати шеър срудан бояд ҳамонгуна бошад, ки имрӯз худи ин суханварон бар он мақом расидаанд.

Ба таври умум, ифтихорияҳои Ғанӣ дар баробари ин ки худи суханварро ба ҷомеа ва аҳли адаб дар оинаи пиндорҳои адабии ӯ муаррифӣ мекунанд, аз сӯи дигар далели равшани қадршиносӣ аз аҳли илму маърифат ва шеъру сухан ҳастанд ва навъе ба ҷомеа ҳушдор медиҳанд, ки Ғанӣ ҳамин гуна шоири соҳибмақом аст ва бояд ин ҷойгоҳ ва манзалати баланди ӯро шинохт ва эътироф намуд.

Ҳамзамон, Ғанӣ дар зимни ашъораш дар хусуси шеъру шоирӣ, пояҳои назм, халлоқияти зеҳни шоир, шартҳои асосии ба даст овардани маънии барҷаставу мазомини бикри ибтикорӣ ва дигар масъалаҳои адабиёти бадеӣ ба таври муфассал таваққуф намудааст. Таҳқиқу баррасии бештари ашъори шоир имкон медиҳад, ки хонанда ва ё ноқиди ашъори ӯ зиёдатар ба дарунмояи андешаҳои ин суханвари нодирагуфтор ворид гардида, гунае аз мулоҳизот ва афкори интиқодиву адабии муаллифро дар бораи чигунагии шеър ва рисолати шоир, ки ҳамагӣ арзиши шоистаеро соҳиб ҳастанд, маърифат намояд ва хидмати шоистаи ӯро дар

тараққии афкори адабӣ-эстетикии адабиёти форсизабони Ҳинд муқаррар созад, то ин ки мақоми ӯ дар адабиёти ҷаҳон ба таври бояду шояд муаррифӣ карда шавад.

## *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Ғании Кашмирӣ, Муҳаммадтоҳир. Девони Ғанӣ.-Сринагар, 1964.-259 с.*
2. *Ихлос, Кишан Чанд. Ҳамешабаҳор. - Деҳлӣ, 2003. – 244 с.*
3. *Қонеъи Таттавӣ, Мир Алишер. Мақолот-уш-шуаро. - Карочи, 1957.*
4. *Қудратуллоҳи Гупомуӣ, Муҳаммад. Натоиҷ-ул-афкор. - Теҳрон, 1336.*
5. *Орзу, Сироҷуддин Алихон. Маҷмаъ-ун-нафоис.-Ҷ.2. - Исломобод, 2006. - С. 452-1306.*
6. *Санъӣ, Муҳаммадмуслим. Дебочаи "Девон"-и Ғанӣ. - "Девон"-и Ғанӣ. - Деҳлӣ, 1964. - С.5-56.*
7. *Сархуш, Муҳаммадафзал. Каламот-уш-шуаро / Муҳаммадафзал Сархуш. – Теҳрон, 1389. – 312 с.*
8. *Сафо, Забеҳулло.Таърихи адабиёт дар Эрон / Забеҳулло Сафо. - Ҷ.5/1.-Теҳрон,1373.-635с.*
9. *Сикари Кокуравӣ, Аҳмадҳусайн. Тури маъно.- Деҳлӣ, 2007.- 493 с.*
10. *Хушгӯ, Биндробин Дос. Сафинаи Хушгӯ (дафтари солис). - Патна, 1959. - 400 с.*
11. *Хушгӯ, Биндробин Дос. Сафинаи Хушгӯ. - Ҷ.2. - Теҳрон, 2011. – 900 с.*
12. *Ҳофизи Шерозӣ, Шамсиддин Муҳаммад. Куллиёт.-Теҳрон, 2001.-356 с.*
13. *Ҳусайнқулихони Азимободӣ. Ништари ишқ. - Ҷ.3. - Душанбе, 1983. - С. 783-1179.*
14. *Шерхони Лудӣ. Миръот-ул-хаёл. – Бомбай, 1324 ш.*


## *Reference Literature:*


1. *Gani Kashmiri, Muhammadtohir. Devon of Gani. - Srinagar, 1964. - 259 pp.*
2. *Ikhlos, Kishan Chand. Hameshabahor. - Dehli, 2003. - 244 pp.*
3. *Qone`i Tattawi, Mir Alisher. Maqolot-ush-shuaro. - Karachi, 1957.*
4. *Qudratullo Gupomoi, Muhammad. Natoij-ul-afkor. - Tehran, 1336.*
5. *Orzu, Sirojuddin Alikhon. Majma'un-nafois. - V.2. - Islamabad, 2006.- pp. 452-1306.*
6. *San'i, Muhammadmuslim. Preface of "Devon" by Ghani. "Devon" by Gani. - Delhi, 1964. - pp. 5-56.*
7. *Sarkhush, Muhammadafzal. Kalamot-ush-shuaro. - Tehran, 1389. - 312 pp.*
8. *Safo, Zabehullo. The History of Literature in Iran. - V. 5/2.- Tehran, 1373. - pp. 635-1420.*
9. *Sikari Kokurawi, Munshi Ahmadhusayn. Turi ma'no. - Dehli, 2007. - 493 pp.*
10. *Khushgu, Bindrobin Dos. Safinai Khushgu (Daftari Solis). - Patna, 1959. - 400 pp.*
11. *Khushgu, Bindrobin Dos. Safinai Khushgu. - V.2 - Tehran, 2011. - 900 pp.*
12. *Hafiz Shirozi, Shamsiddin Mohammad. Kulliyot. - Tehran, 2001. - 356 pp.*
13. *Husaynqulihon Azimobodi. Nishtari Ishq. - V.3. - Dushanbe: 1983. - P.783-1179.*
14. *Sherkhan Ludi. Mir'at-ul-khayal. - Bombay, 1324.*